Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
дар пойгоҳи Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02– Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои-иқтисодӣ аз ҷумла: 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.7. Хусусиятҳо ва мушкилоти таъсисдиҳии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар пойгоҳи ташкилоти буҷавии илмӣ ва таълимӣ; 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва усулҳои баҳодиҳии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ мувофиқат менамояд.

## Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ.

Дар шароити муосир фаъолияти самараноки низоми таҳсилоти олии касбӣ ба омили рушди иқтидори инноватсионӣ ва унсури муҳими тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои бозори меҳнат табдил мегардад.

ҷузъи муҳимтарини ислоҳоти бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳалли проблемаи таъминот бо кадрҳои илмӣ ва илмӣ- педагогии инноватсионӣ ҷиҳати ҷорӣ ва татбиқи дигаргуниҳои инноватсионӣ дар МТОК-и кишвар мебошад.

Муаллиф дуруст зикр намудааст, ки дар айни замон барои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии МТОК-и кишвар бояд масъалаҳои зарурати ҷорӣ намудани инноватсия дар низоми таҳсилоти олӣ, рушди захираҳои кадрӣ, иқтидори зеҳнӣ, иқтидори молиявӣ, иқтидори моддӣ ва техникӣ, таҳияи усулҳои муосири арзёбии иқтидори инноватсионӣ, инчунин қабул ва татбиқи қарорҳои дахлдорро дар ин самт ҳал намуд.

Дар робита ба ин, омӯзиш ва арзёбии мазмуну мундариҷаи иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таъсири он ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва ташаккули нуфузи муассисаҳои таълимӣ дар ҷомеа зарурати объективӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф, зарурати тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (НФИТ), татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, роҳҳои ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои хизматрасонӣ барои таҳқиқотҳои илмӣ, ғанӣ гардонидани фондҳои ғайрибуҷетии худ, таъсис ва такмил додани инфрасохтори инноватсионӣ ва дар ин замина таҳким ва рушди иқтидори инноватсионӣ меафзояд.

Бояд қайд кард, ки воқеан дар адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ диққати махсус ба иқтидори инноватсионӣ ва умуман инноватсия, ба иқтидори инноватсионии минтақа, низоми миллии инноватсионӣ, идоракунии инноватсионӣ, соҳибкории инноватсионӣ равона шудааст. Вале масъалаи дар соҳаи ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то андозае мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Нуктаҳои зикршуда зарурати ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасонии таълимӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти тақризшавандаро

собит намуда, аз аҳамияти баланди назариявӣ ва амалии он шаҳодат медиҳанд.

Бо такя ба ин, таъкид менамоем, ки мавзуи интихобнамудаи диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович мубрам арзёбӣ мегардад.

**Сохтор ва мазмуни қисматҳои асосии таҳқиқоти илмӣ.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати гуҳаронидани таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, сарчашмаҳои асосии иттилоотӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва татбиқи натиҷаҳо, интишори натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешниҳод карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии иқтидори инноватсионии муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ бахшида шуда, дар доираи боби мазкур моҳияти иқтидор, инноватсия ва сохтори иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, зарурати рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК таҳқиқ карда шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия дар асоси таҳлил ва таҷзияи назарияҳои олимону муҳақиқони ватанию хориҷӣ мавҳум ва моҳияти “иқтидор”, “инноватсия” ва “иқтидори инноватсионӣ” (саҳ. 22 -24), сохтори зинанизоми иқтидори инноватсионӣ (расми 1, саҳ. 27), сохтори иқтидори инноватсионии МТОК (расми 2, саҳ.29), усулҳои муосири таълим дар МТОК (расми 3, саҳ.39), ҳаҷми хароҷотҳо барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии МТОК ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатҳои хориҷӣ (ҷадвали 1, саҳ.54) баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф, Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд аз таҷрибаи хориҷии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионии

МТОК-ро аввалин мавриди омӯзиш қарор дода, баъдан бо таври таҷрибавӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ таҷриба созад ва вобаста ба вазъи молиявӣ, дигар имконоти мавҷуда онҳоро марҳила ба марҳила ва сол ба сол татбиқ созад (саҳ.64).

Дар боби дуюм дар асоси вазъи кунунии иктидори инноватсионӣ ва омилҳои ба рушди он таъсиркунанда, арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар зерқисматҳои боби мазкур ҷузъҳои захиравӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК (саҳ. 66), тағйирёбии шумораи умумии ҲПО МТОК-и ҷумҳурӣ бо дараҷаҳои илмӣ (саҳ.67), афзоиши шумораи номзадҳо ва доктори илм дар чор соли охир (саҳ.68), ҳаҷми молиявикунонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷотҳо барои таҳқиқотҳо ва коркардҳои илмӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ (саҳ. 77), иқтидори моддӣ-техникӣ ва инфрасохтории МТОК (саҳ. 78-82), ҳиссаи таъсири омилҳо ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК (саҳ. 83), ҳиссаи манбаҳои молиявикунонӣ барои рушд ва ташаккулебии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК (саҳ. 85) омилҳое, ки ба баландбардории иқтидори инноватсионӣ дар МТОК таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонанд (саҳ. 88-89) таҳлил карда шудааст. Инчунин дар боби номбурда арзёбии иқтидори инноватсионӣ аз рӯйи меъерҳо бо индексҳо (саҳ. 94), муайянсозии рейтинги муассиса аз рӯйи арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ (саҳ. 101-102) омӯхта ва арзёбии муаллиф дода шуд.

Дар боби сеюм тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ҳамчун таъмингари бартарияти рақобатпазири МТОК асоснок гардида (саҳ.103), таъсис ва такмили инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК (саҳ.110), самтҳои рушди механизми дастгириҳои давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК (саҳ.136) муайян карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки дар боби сеюм муаллиф модели намунавии таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 9, саҳ 132) пешниҳод намуда, ҳамзамон огоҳ менамояд, ки

инфрасохтори инноватсионӣ вобаста ба иқтидори МТОК метавонад тағйир ебад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Рӯйхати адабиёт фарогири 152 номгӯй буда, ҳамчунин 3 замима оварда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии МТОК, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди ин равандҳо мебошад. Натиҷаҳои муҳимтарин, ки унсурҳои навовариҳои илмӣ доранд, инҳоянд:

1. Муқаррароти назариявии моҳияти иқтисодии иқтидори инноватсионӣ асоснок карда шуда, сохтори иқтидори инноватсионӣ бо назардошти ҷузъҳои захиравӣ, функсионалӣ ва сохти зинанизомӣ дар МТОК муайян карда шуда, аниқ карда шуд, ки дар баробари усули ғайрифаъоли таълим дар МТОК-и ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани усули фаъол, интерактивӣ ва дигар усулҳои инноватсионии таълим бамаврид аст.

2. Дар асоси арзёбии вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷузъи захиравии иқтидори инноватсионӣ (кадрӣ, молиявӣ, моддию техникӣ, инфрасохторӣ ва нуфузӣ), маҷмуи таҳдидҳо ва хатарҳое, ки ба татбиқи иқтидори инноватсионии мактабҳои олии касбӣ монеа мешаванд, муайян карда шуданд. Дар асоси пурсишнома омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии МТОК таъсир мерасонанд, муайян ва асоснок карда шудаанд.

3. Арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳолати кунунии ҷузъҳои захиравии он (аз рӯйи самти фаъолият ва таъминоти захиравӣ) бо истифода аз 7 принсипи рушди МТОК (бо назардошти тағйироту иловаҳо) гузаронида шуда, инчунин дараҷаи сохтории иқтидори инноватсионии МТОК бо

назардошти таснифи муаллифии нишондиҳандаҳои функсионалии объекти сохтори захиравӣ, сикли ҳаётӣ асоснок карда шуд.

4. Ҷузъҳои раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии МТОК мушаххас гардида, роҳҳои ҳалли он пешниҳод ва омилҳое, ки ба раванди тиҷоратикунонии НФИД таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд. Инчунин механизми самараноки татбиқи моликияти зеҳнӣ дар се шакли ҷалби он ба иқтисодиёт: 1) дар шакли иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 2) дар шакли фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба сифати дороиҳои ғайримоддӣ дар амалиётҳои гаравӣ; 3) дар шакли ҳимоя дар намуди патент, иҷозатномаҳо (лицензия), тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва ғайра пешниҳод карда шуд;

5. Афзалиятҳои татбиқи фаъолияти инноватсионии МТОК бо дарназардошти таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар фаъолияти илмӣ шароити муассир фароҳам оварда метавонад, асоснок карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки вазъи кунунии инфрасохтори инноватсионии донишгоҳ ба таҷдид ва такмил ниёз дорад ва дар ин росто оид ба беҳтар намудани инфрасохтори инноватсионӣ тавсияҳо дода шуда, инчунин модели намунавӣ барои ташкили инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

6. Шакл ва усулҳои самараноки механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК, аз қабили шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва модели «спирали сегона» таҳия ва асоснок карда шудааст.

**Эътимоднокӣ ва навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ ва асноди меъериву ҳуқуқӣ, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумоти омории МТОК-и кишвар таъмин карда шудааст.

Дар таҳқиқот маводҳои зиёди таҳлилӣ оварда шудааст, ки аз васеъ будани нуқтаи назари олимону муҳаққиқон доир ба мавзуи таҳқиқот шаҳодат дода, дар ин замина мавзуи таҳқиқот бо дастрасӣ аз усулҳо ва равишҳои гуногуни илмӣ баррасӣ карда шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки муаллифи диссертатсия ба мақсади худ ноил гардида, масъалаҳои гузошташуда дар доираи таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, муқарраротн асосӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шудаанд. Ба сифати бартарияти таҳқиқоти мазкур ҳамин нуқтаро метавон қайд намуд, ки диссертатсия фарогири масъалаҳои мубрам ташаккул ва рушди инноватсионии МТОК-и кишвар буда, зимнан самтҳои асосии такмили он асоснок карда шудааст. Мазмуни таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳадафи гузошташуда ва вазифаҳои муайяншуда мувофиқ мебошад.

**Асоснокӣ ва муҳиммияти натиҷаҳои таҳқиқот.**

Таҳқиқот ба омӯзиш, гурӯҳбандӣ ва баррасии корҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои нашрияҳои махсусгардонидашуда, маълумоти омории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккул ва рушди инноватсионии МТОК-и кишвар асос ёфтааст.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои маъмули илмӣ-таҳқиқотӣ соҳавиро анҷом дода, вобаста ба ҳадаф ва вазифаҳо дар диссертатсия хулосаҳоеро пешниҳод намудааст, ки аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ доранд Маҳз ҳамин бартариятҳо асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия мураттабшударо тасдиқ менамояд.

Дар баробари ин, тасвиб ва сатҳи муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии онҳоро собит месозад. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда дар чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун пешниҳод ва баррасӣ шуда, дар маҷмӯъ муаллифи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ва фишурдаи маърӯзаҳоро ба табъ расонидааст, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар таҳлили амиқтари назариявӣ, методӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Ҳангоми таҳқиқоти гузаронида муаллиф бештар ба асосҳои назариявӣ ва истифодаи амалии равандҳои рушд ва ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, ки дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ, монографияҳо дарҷ гардидаанд, инчунин қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии ба мавзуи таҳқиқот марбут такя намудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикргардида аз он иборат аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодкардаи муаллиф метавонанд дар фаъолияти амалии технопаркҳои МТОК-и ҷумҳурӣ, таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар заминаи МТОК васеъ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ ва (ё) илмию техникӣ" пешниҳод шудааст.

**Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.**

Ба андешаи мо, дар диссертатсия дар баробари бартариҳо як қатор муқаррароти баҳснок вомехӯрад:

1. Зимни таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии иқтидори инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на ҳама ҷанбаҳои асосии он дар сатҳи зарурӣ баррасӣ шудаанд. Барои мисол, низоми нишондиҳандаҳои ташаккул ва истифодаи иқтидори инноватсионии МТОК, аз ҷумла: баҳодиҳии имкониятҳо ва натиҷаҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ; параметрҳои сарҳадии ҳолати қаноатбахш ва ғайриқаноатбахши иқтидори инноватсиони; тавсифи ҷиҳатҳои қавӣ ва сусти рушди равандҳои инноватсионӣ, то андозае аз доираи таҳқиқот берун мондааст.

2. Дар параграфи сеюми боби якуми диссертатсия муаллиф мебоист, ки таҷрибаи хориҷии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои Осиёи Марказиро мавриди таҳлил қарор медод, зеро муқоиса намудани

иқтидори иңноватсионии МТОК-и кишварамон бо иқтидори инноватсионии МТОК-и мамлакатҳои мутараққӣ, ба ақидаи мо, ба мақсад мувофиқ нест. Дар ин ҳолат, муаллиф метавонист таҷрибаи беҳтарини кишварҳои ҳамсояро ( масалан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон) барои татбиқи он дар кишвари мо пешниҳод намояд ва сифати диссертатсия бурд мекард.

3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда номгӯи корҳои илмии 152 олимони ватаниву хориҷӣ зикр карда шудааст. Аммо, дар дохили матни диссертатсия на ба ҳамаи ин адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда истинод дода шудааст, махсусан ба корҳои илмии олимони ватанӣ кам таваҷуҳ зоҳир намудааст. Агар аз маҳзанҳои миллӣ муаллиф истифода менамуд ба ақидаи мо кор нисбатан беҳтар мегардид.

4. Дар диссертатсия агар муаллиф ба масъалаи ташаккули механизмҳои рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ, аз ҳисоби рушди иқтидори инноватсионии МТОК бо назардошти рақамикунонии ҷараёни таълим таҳқиқ ва пешниҳодҳо менамуд сифати таҳқиқоти анҷомдодашуда хубтар мегардид. Зимни баррасии омилҳои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии МТОК, масъалаҳои таъсири онҳо ба фаъолнокии инноватсионии МТОК баррасӣ нагардидаанд.

5. Дар диссертатсия камбудиҳои хусусияти имлоӣ ва техникидошта ба чашм мерасанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум таассуроти мусбат ва арзиши назариявию амалии онро коста намегардонанд.

**Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст.**

Автореферат ва таълифоти муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмию тахассусии анҷомшуда буда, ба муаллиф муяссар шудааст, ки вазифаҳои гузоштташударо муваффақона иҷро намояд.

Диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия Сафаров Зулфиқор Азаматович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
д.и.и., профессори кафедраи
иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қодирова З.Ҳ.

Имзои д.и.и., профессор Қодирова Заррина Ҳалимовнаро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, 1/2.
Телефон: (+992 37) 234-84-34
E-mail: tguk@mail.ru